***аз 13.08.2024, №15054/3.1.***

Сарраёсатҳо ва раёсатҳои
дастгоҳи марказии Кумитаи
андоз, мақомоти ҳудудии андоз

*“Оид ба назорати камералӣ”*

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи дурусти муқаррароти моддаи 42 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармоиши Кумитаи андоз аз 11.01.2024, №22 “Оид ба назорати камералӣ” ҳангоми гузаронидани назоратҳои камералии эъломияҳо ва ҳисоботи андозсупорандагон, риоя ва ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагон ҳангоми гузаронидани назоратҳои камералӣ, барои истифода дар коргузорӣ дастури мазкурро ирсол менамояд.

Тибқи муқаррароти моддаи 42 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон **назорати камерали қисми таркибии низоми идоракунии хавфҳои андоз буда,** ҳамчун кори ҳамарӯзаи кормандони масъули мақомоти андоз, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани номутобиқатиҳои дар эъломияҳои андоз ҷой дошта, дар биноҳои маъмурии мақомоти андоз, бе ташриф овардан ба маҳалли ҷойгиршавӣ ва ё фаъолияти андозсупоранда, гузаронида мешавад.

Назорати камералӣ бе қабули фармоиши роҳбари мақомоти андоз гузаронида шуда, мутобиқ ба талаботи моддаҳои 42 ва 82 Кодекси андоз, **чунин шакли назорат санҷиши андоз ба ҳисоб намеравад** ва бо пешниҳоди огоҳинома ба андозсупоранда имконият дода мешавад, ки номутобиқатиҳои дар ҳисоботи андоз ҷойдоштаро мустақилона то гузаронидани санҷиши сайёри андоз ислоҳ намояд.

Дар рафти назорати камералӣ асоснокии нишондиҳандаҳои эъломияҳои андози аз ҷониби андозсупоранда ба мақомоти андоз пешниҳодшуда, нисбат ба маълумоти дар ихтиёри мақомоти андоз ҷойдошта, аз ҷумла маълумоти барномаҳои системаи иттилоотии андоз, маълумотҳо дар доираи Модули “Идоракунии хавфҳои андоз”, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти андози дигар давлатҳо дастрасшуда муқоиса карда мешавад. Дар ҷараёни гузаронидани назорати камералӣ аз андозсупоранда талаб намудани пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва иттилооти иловагии алоқаманд ба мавзӯи назорати камералӣ манъ мебошад.

Тибқи талаботи қисми 5 моддаи 42 Кодекси андоз, дар ҳолати ошкор гардидани номутобиқатиҳо дар эъломияҳои андоз аз ҷониби мақомоти андоз

ба андозсупоранда бо талаби дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ ислоҳ намудани чунин номутобиқатиҳо огоҳинома дар шакли электронӣ ва ё хаттӣ ирсол карда мешавад. Аз санаи гирифтани огоҳинома, дар ҳамин мӯҳлат (10 рӯзи тақвимӣ) андозсупоранда уҳдадор аст, ки бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз иҷрои онро таъмин намояд ё бо ҳуҷҷатҳои асосноккунанда тавзеҳоти дахлдорро пешниҳод намояд.

Агар дар натиҷаи баррасии ҳуҷҷатҳо ва тавзеҳоти пешниҳод намудаи андозсупоранда муаяйн шавад, ки ҳолатҳои нодуруст ҳисоб кардани андозҳо ҷой дорад, тибқи талаботи қисми 7 моддаи 42 Кодекси андоз мақомоти андоз, ки назорати камералиро гузаронидааст, ба андозсупоранда маълумотнома ва огоҳиномаи такрорӣ ирсол менамояд. Ба андозсупоранда маротиба дувум имконият дода мешавад, ки номутобиқатиҳое, ки боиси кам ё нодуруст ҳисоб шудан андозҳо дар эъломияҳои андоз гардидаанд, мустақилона ислоҳ намояд.

Дар сурати дар муддати 5 рӯзи корӣ пас аз гирифтани огоҳиномаи дуюм, андозсупоранда беасоси ҳуқуқӣ уҳдадории андозии худро иҷро нанамояд, чунин андозсупоранда ба меъёрҳои хавфҳо дохил карда шуда, аз рӯи мавзӯи назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупоранда тибқи тартиби муқаррааргардида санҷиши сайёри андоз таъин карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар қисми 9 моддаи 42 Кодекси андоз нисбат ба назоратҳои камералӣ маҳдудиятҳо пешбинӣ карда шудааст. Аз ҷумла, мӯҳлати гузаронидани назорати камералӣ **дар 6 - моҳ як маротиба муқаррар гардида, барои давраҳои таҳти санҷишҳои андоз қарор дода шуда ва ё такроран таҳти назорати камералӣ қарор додани як давра ва ё як мавзӯъ, манъ мебошад.**

Илова бар ин, бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти мақомоти андоз дар самти гузаронидани назоратҳои камералӣ ва таъмини самаранокии фаъолият, мусоидат намудан ба андозсупорандагон ҷиҳати мустақилона ислоҳ намудани номутобиқатиҳои дар эъломияҳои андозҳо ва пардохтҳо ҷойдошта, тибқи Фармоиши Кумитаи андоз "Оид ба назорати камералӣ" аз 11.01.2024, №22 маҳдудиятҳои иловагӣ ҷорӣ гардидааст, аз ҷумла:

-дар фаъолияти соҳибкони инфиродӣ гузаронидани назорати камералӣ манъ карда шудааст;

-дар фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳангоми зарурат дар як сол як маротиба назорати камерали гузаронида мешавад;

-назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупоранда-гони дар доираи маблағҳои грантӣ (кредитӣ) фаъолияткунанда, дар фаъолияти корхонаҳои аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ таъсис ёфтаанд ва (ё) дар доираи Созишномаҳои сармоягузории маъқулдонистаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз дар мувофиқа бо Кумитаи андоз гузаронида мешавад.

Сарраёсатҳо, раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор ва огоҳ карда мешаванд, ки мактуби дастурии мазкурро дар коргузории ҳамарӯза истифода карда, муҳтавои онро ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳаи корӣ ба маълумоти зердастон ва дар муносибатҳои андозӣ ба маълумоти андозсупорандагон расонанд ва муқаррароти моддаи 42 Кодекси андоз ва талаботи Фармоиши Кумитаи андоз “Оид ба назорати камералӣ”-ро аз 11.01.2024, №22 ҳатман риоя намоянд.

Раис Н.Давлатзода